Бо Қарори Маҷлиси намояндагони маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2019, №1476 тасдиқ шудааст

# НИЗОМНОМАИ
# МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ «КӮЛОБ»

*(Бо тағйиру иловаҳо аз 18 марти соли 2026, №372)*

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия гардида, асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқию иқтисодии фаъолияти минтақаи озоди иқтисодӣ намуди комплексии минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб»-ро (минбаъд – МОИ «Кӯлоб») муайян менамояд.

2. Мақсадҳои асосии таъсиси МОИ «Кӯлоб»:

- ҳавасмандгардонии рушди иқтидори иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бо роҳи ҷалби сармоягузориҳои ватанию хориҷӣ, ҷорӣ намудани усулҳои муосири идоракунӣ ва менеҷмент;

- таъмини иштироки самараноки иқтисодиёти минтақа ва кишвар дар тақсимоти байналмилалии меҳнат, рушди ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ барои баланд бардоштани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ;

- рушди шаҳрсозӣ дар минтақаҳои атрофи МОИ «Кӯлоб», ташкил намудани инфрасохтори муосири муҳандисию нақлиётӣ, телекоммуникатсионӣ, истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ;

- ташкили шабакаи истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, бунёди истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатноки содиротӣ;

- таъмин намудани аҳолии минтақа ва ҷумҳурӣ бо кор, ташкили ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ, беҳтар намудани қобилияти харидорӣ, афзун гардидани даромади кормандоне, ки дар МОИ «Кӯлоб» кор мекунанд ва ҳалли масъалаҳои дигари иҷтимоию иқтисодии минтақа.

3. Вазифаҳои асосии МОИ «Кӯлоб»:

- рушди иқтидори иқтисодии минтақа дар асоси ҳамгироии сармоягузориҳои хориҷӣ бо воситаҳои пулию моддии корхонаю ташкилотҳои ватанӣ, ки ба шаклҳои гуногуни моликият асос ёфтаанд;

- ҷалби сармоягузориҳои ватанию хориҷӣ, техника ва технологияҳои муосир, ҷорӣ намудани таҷрибаи хориҷии идоракунӣ ва усулҳои нави хоҷагидорӣ;

- ҷорӣ намудани навовариҳо ва ихтирооти илмию техникии ватанӣ ва хориҷӣ дар истеҳсолот бо истифодаи минбаъдаи онҳо дар минтақаҳои дигари кишвар;

- таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақа;

- кам кардани хароҷоти истеҳсолот, истифодаи ҳадди аксари захираҳои озоди меҳнатӣ, табиӣ ва захираҳои дигари маҳаллӣ барои истеҳсоли молу маҳсулот ҷиҳати содирот ба бозори дохилӣ ва хориҷӣ;

- бунёд ва ободонии ҳудуди МОИ «Кӯлоб», ҳимоя ва ҳифзи муҳити зист;

- дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб» ташкил намудани инфрасохтори истеҳсолӣ дар сатҳи меъёрҳои байналмилалӣ (алоқа, нақлиёт, коммуникатсия ва ғайра);

- ташаккул додани буҷети мустақили МОИ «Кӯлоб».

## 2. МАҚОМИ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ «КӮЛОБ»

4. Мақоми МОИ «Кӯлоб» аз сарҳадоти он, заминаи қонунгузорӣ ва низомҳои махсуси ҳуқуқӣ, инчунин буҷети минтақа ва мақомоти идоракунии худӣ ташаккул меёбад.

5.МОИ «Кӯлоб» дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон дар масоҳати умумии 309,32 гектар қитъаи замин ҳамчун минтақаи алоҳида (маҳдуди) ба муҳлати 50 сол таъсис дода мешавад. Заминҳои МОИ «Кӯлоб» моликияти истисноии давлат буда, муносибатҳои ба онҳо алоқамандро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим намоянд.

6. Минтаќаи озоди иќтисодї метавонад аз якчанд ќитъаи алоњидаи (минтаќањои фаръї) тањти идораи ягона иборат бошад.

7.Дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб» қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодиро ба танзим медарорад, амал мекунад.

8.Муносибатҳое, ки бевосита бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ танзим гардидаанд, тибқи меъёрҳои қонунгузорие, ки ба моҳияти онҳо зид нестанд ва муносибатҳои монандро танзим менамоянд, амалӣ мегарданд.

9.МОИ «Кӯлоб» минтақаи алоҳидаи (маҳдуди) ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар ҳудуди он низоми махсуси гумрукию андозӣ, низоми содакардашудаи бақайдгирии субъектҳои МОИ «Кӯлоб» (минбаъд – субъектҳои МОИ), инчунин тартиби даромад ва баромади резидентҳо ва ғайрирезидентҳои МОИ «Кӯлоб» амалӣ карда мешавад.

10.Дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб» барои таъсис ва фаъолияти ташкилотҳо, соҳибкорони инфиродӣ, резидентҳо ва ғайрирезидентҳо бо ҷалби сармояҳои ватанӣ ва (ё) хориҷӣ низоми имтиёзнок ташаккул дода мешавад.

11.Дахолати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба фаъолияти молиявию хоҷагидории МОИ «Кӯлоб», ба истисноии ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, манъ аст.

12.Маблағҳо аз буҷети ҷумҳуриявӣ ҷиҳати нигоҳдории маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ барои 10 соли аввали давраи ташаккулёбӣ ҷудо карда мешаванд.

13.Буҷети мустақили минтақаи озоди иқтисодӣ бо мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва мақоми ваколатдори давлатии молиявӣ мувофиқа карда мешавад.

14.Мақоми идоракунӣ дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб» маъмурияти МОИ «Кӯлоб» мебошад (минбаъд – Маъмурияти МОИ).

15.Маъмурияти МОИ ҳамчун муассисаи давлатии сатҳи ҷумҳуриявӣ таъсис ёфта, дар асоси Низомномаи мазкур ва оиннома, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ тасдиқ мегардад, фаъолияти худро анҷом медиҳад.

16. Дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб» манъ аст:

-иҷрои корҳои истифодаи захираҳои зеризаминӣ (ба ғайр аз истихроҷи обҳои зеризаминӣ барои истеҳсолот ва таъмини фаъолияти субъектҳои МОИ бо об);

-истеҳсоли коғазҳои қиматнок, пул ва тангаҳо, маркаҳои почта;

-истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳо;

-пахши барномаҳои радио ва телевизионӣ, ба истиснои хизматрасонии техникии радио ва телевизион;

-истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ, безараргардонӣ ва фурӯши моводи хатарнок ва радиоактивӣ;

-табобати касалиҳои рӯҳӣ дар шакли агрессивӣ ва бемориҳои сирояткунанда;

-табобати ҳайвонҳое, ки касалиҳои хавфнок доранд;

-фаъолияте, ки ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ алоқамандӣ дорад;

-бунёди истеҳсолоти аз ҷиҳати экологӣ хатарнок, ки ба муҳити зист зараровар мебошад;

-фурӯши моводи сӯзишворию равғанҳои молиданӣ дар ҳудуди МОИ ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ мансуб нестанд;

-фурӯши чаканаи молу ашё, ба истиснои фурӯши чаканаи маҳсулоти ниёзи мардум барои истеъмоли дохилӣ бо тарзи ташкили фаъолияти субъектҳои МОИ оид ба савдо ва хӯроки умумӣ дар ҷойҳои аз ҷониби Маъмурияти МОИ муайяншуда;

-фаъолияти хоҷагидорию тиҷоратӣ, ки ба таъмини амният ва дифои давлат, инчунин бо истеҳсол, коркард, нигоҳдорӣ ва фурӯши силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, моддаҳои тарканда, воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ алоқамандӣ дорад;

-воридоти воситаҳои нашъадор, моддаҳои психотропӣ, силоҳ, лавозимоти ҷангӣ, молҳои дигаре, ки фурӯш ва интиқоли онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдуд ва ё манъ карда шудаанд;

-ташкил намудани қимор ва лотереяҳо, қиморхонаҳо (казиноҳо), видеосалонҳо, бозиҳои автоматикӣ ва ғайра.

17.Реҷаи кории МОИ «Кӯлоб» аз тарафи мақоми ваколатдори давлатии идоракунии МОИ муқаррар карда мешавад. Реҷаи кории субъектҳои МОИ аз тарафи Маъмурияти МОИ муқаррар карда мешавад.

18.Аз ҳудуди МОИ «Кӯлоб» содироти молҳо ба кишварҳои дигар ва истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ҳавасманд карда мешавад.

19.Нисбати истифодаи ҳатмии ашёи хом ва маводи маҳаллӣ бар ивази ашёи хом ва маводи воридотӣ талабот муқаррар карда намешавад.

19[1].Дар МОИ тамоми намуди фаъолияте, ки ба мақсадҳои таъсисёбии МОИ мувофиқ буда, ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда нашудааст, иҷозат дода мешаванд.

3. Хориҷ карда шуд (бо қарори Маҷлиси намояндагони маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 майи соли 2024, №1312).

20.Хориҷ карда шуд.

## 4. СУБЪЕКТҲОИ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ «КӮЛОБ»

21.Ба сифати субъектҳои МОИ «Кӯлоб» соҳибкорони инфиродӣ, шахсони ҳуқуқӣ новобаста ба шакли ташкилию ҳуқуқиашон, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, инчунин филиал ва намояндагии онҳо эътироф карда мешаванд, ки:

-тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қайди давлатӣ гузаштаанд;

-шартномаи фаъолиятро дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб» бо Маъмурияти МОИ ба имзо расонидаанд;

-шаҳодатномаи субъектҳои МОИ «Кӯлоб»- ро тибқи тартибе, ки дар Низомномаи мазкур пешбинӣ шудааст, соҳиб гардидаанд.

22.Субъектҳои МОИ фаъолияти худро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ», Низомномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодиро танзим менамоянд, ба роҳ мемонанд.

23.Бақайдгирии давлатии соҳибкори инфиродӣ, шахси ҳуқуқӣ, филиал ё намояндагии шахси ҳуқуқӣ, резидентҳо ва ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – довталаб), ки хоҳиши гирифтани мақоми субъекти МОИ «Кӯлоб»-ро доранд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур сурат мегирад.

24.Маъмурияти МОИ «Кӯлоб» барои бақайдгирии давлатии соҳибкори инфиродӣ, шахси ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқӣ, резидентҳо ва ғайрирезидентҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъектҳои МОИ «Кӯлоб» ба довталаб ҳуҷҷати тасдиққунандаи суроғаи ҳуқуқӣ дар МОИ «Кӯлоб»-ро медиҳад.

25.Барои гирифтани ҳуҷҷати тасдиққунандаи суроғаи ҳуқуқӣ дар МОИ «Кӯлоб», довталаб ба Маъмурияти МОИ бо ариза ва замима

намудани иттилооти пурра дар бораи довталаб, бизнес-нақшаҳо ва (ё) лоиҳаҳои сармоягузорӣ мурочиат менамояд.

26.Маъмурияти МОИ «Кӯлоб» комиссияро оид ба баррасии бизнес-нақшаҳо ва (ё) лоиҳаҳои сармоягузории довталабон – субъектони минтақаи озоди иқтисодӣ таъсис медиҳад.

## 5. ТАРТИБИ ФАЪОЛИЯТИ КОМИССИЯ ОИД БА БАРРАСИИ БИЗНЕС – НАҚШАҲО ВА (Ё) ЛОИҲАҲОИ САРМОЯГУЗОРИИ ДОВТАЛАБОН – СУБЪЕКТОНИ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ «КӮЛОБ»

27.Комиссия оид ба баррасии бизнес-накшаҳо ва (ё) лоиҳаҳои сармоягузории довталабон – субъектони минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» (минбаъд – Комиссия) бо мақсади ташкил ва гузаронидани расмиёти вобаста ба баррасии бизнес-нақшаҳо ва (ё) лоиҳаҳои сармоягузории довталабон барои гирифтани тасдиқномаи субъекти минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» таъсис дода мешавад.

28.Комиссия ҳуқуқ дорад:

-дар муддати даҳ рӯз мурочиати довталабро барои гирифтани тасдиқномаи субъекти минтақаи озоди иқтисодӣ баррасӣ намояд;

-даъватномаро ба довталаб барои ширкат дар чаласаи Комиссия фиристад;

-дар бораи баргардонидани мурочиати довталабон дар ҳолати ба талабот чавобгӯй набудани ҳуччатҳои пешниҳодшуда қарор қабул намояд;

-пешниҳод ва тавсияҳоро ба довталабон нисбати ҳуччатҳои иловагии зарурӣ ирсол намояд;

-муҳлати ниҳоии қабули қарори дахлдори Комиссияро дар ҳолати баргардонидани мурочиатҳои довталабон барои коркард тамдид намояд;

-аризаи субъектҳоро дар ҳолати дигар шудани намудҳои фаъолият ва (ё) шакли ташкилию ҳуқуқии субъект баррасӣ намояд;

-аризаро оид дар бораи бекор кардани тасдиқномаи субъект дар ҳолати пешниҳоди далелҳои тағйирнопазир оид ба риоя накардани талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Низомномаи мазкур аз чониби субъекти минтақаи озоди иқтисодӣ баррасӣ намояд;

-протоколи чаласаи Комиссияро тартиб диҳад ва ба он имзо гузорад.

29. Уҳдадориҳои Комиссия.

-бо сифат ва дар мухлатҳои муқарраргардида ичро намудани ҳамаи вазифаҳои ба зиммаи ӯ вогузошташуда нисбат ба баррасии бизнес–накшаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ;

-пешниҳоди маълумоти зарурӣ вобаста ба довталабон дар ҳолати талаб намудани он аз чониби мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ;

-риоя намудани принсипҳои таъмини махфияти маълумоти пешниҳодшуда ва истифодашуда, ки дорои сирри тичоратӣ мебошанд. Ба додани ин маълумот ба шахсони сеюм танҳо дар ҳолатҳои дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда ичозат дода мешавад.

30.Ҳайати Комиссия аз ҷониби роҳбарияти МОИ «Кӯлоб» тасдиқ мегарад. Ба ҳайати Комиссия аз панҷ то ҳафт нафар дохил мешавад.

31.Раиси Комиссия роҳбари Маъмурият таъин мегардад.

32.Раиси Комиссия кори Комиссияро ташкил менамояд.

33.Қарори Комиссия тариқи овоздиҳӣ бо бартарии оддӣ аз миқдори умумии аъзои Комиссия қабул мегардад.

34.Бизнес-нақшаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ бояд ба чунин талабот мутобиқат намоянд:

- ҳаҷми сармоягузорӣ барои амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ на камтар аз маблағи эквиваленти 300 ҳазор доллари ИМА;

-ворид намудани на кам аз 90 фоизи таҷҳизоти технологӣ – истеҳсолӣ;

-муҳлати пештараи истифодаи таҷҳизоти технологӣ – истеҳсолии воридшаванда на бояд аз 3 сол зиёд бошад;

-ҳаҷми сармоягузорӣ барои амалӣ намудани фаъолияти содиротию воридотӣ на камтар аз маблағи эквиваленти 50 ҳазор доллари ИМА;

-ҳаҷми сармоягузорӣ барои амалӣ намудани фаъолияти хизматрасонӣ на камтар аз эквиваленти 10 ҳазор доллари ИМА;

-оғоз намудани фаъолият тибқи бизнес-нақшаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ, на дертар аз 3 сол аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ.

35.Довталабон барои дурустии маълумоти пешниҳодшуда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъул мебошанд.

36.Шакл ва тартиби омода намудани ариза, маълумоти иттилоотии пешниҳодшаванда, бизнес-нақша ва (ё) лоиҳаи сармоягузорӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ таҳия ва тасдиқ мегардад.

37.Довталаб барои гирифтани шаҳодатномаи субъекти МОИ (минбаъд – тасдиқнома) бо Маъмурияти МОИ шартномаи фаъолиятро (минбаъд – шартнома) ба имзо мерасонад.

38.Дар шартнома талабот оид ба фаъолият дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб», тартиби истифодаи имтиёзҳо ва низомҳои махсус, иҷораи қитъаи замин, бино, иншооти истеҳсолию маъмурии ба иҷора додашаванда, коммуникатсияҳо, муносибатҳои молиявию хоҷагидорӣ ва талаботи дигари дар Низомномаи мазкур пешбинишуда дарҷ мегарданд.

Барои ба имзо расонидани шартнома довталаб ба Маъмурияти МОИ бояд чунин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод намояд:

- ариза;

- ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатӣ дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб»;

- намунаҳои имзоҳои шахсони ваколатдори довталаб.

39.Маъмурият дар муҳлати 3 рӯзи корӣ ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи довталабро баррасӣ намуда, лоиҳаи шартномаро бо довталаб омода ва ба имзо мерасонад.

40.Баъди ба имзо расидани шартнома ба довталаб тасдиқнома дода мешавад.

41.Шаҳодатнома ҳуҷҷати бақайдгирии довталаб ба сифати субъекти МОИ дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб» ба ҳисоб рафта, барои пешбурди

фаъолият, истифодаи имтиёзҳову низомҳои махсуси пешбининамудаи Низомномаи мазкур иҷозат медиҳад.

42. Шакл ва мазмуни шартнома ва шаҳодатнома аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ тасдиқ карда мешаванд.

43.Шаҳодатномаҳо ба муҳлатҳои зерин дода мешаванд:

-барои фаъолияти тиҷоратӣ ба муҳлати то 25 сол;

-барои фаъолияти истеҳсолӣ ба муҳлати то 50 сол;

- барои фаъолияти хизматрасонӣ ба муҳлати то 25 сол.

44.Арзиши шаҳодатнома барои ҳар гуна намуди фаъолият, новобаста ба ҳаҷми истеҳсолот ва гардиши мол эквиваленти 5000 (панҷ ҳазор) доллари ИМА-ро ташкил медиҳад.

44[1].Дар сурати аз ҷониби субъекти МОИ риоя нагардидани талаботи қонунгузорӣ ва шартнома оид ба фаъолият дар ҳудуди МОИ, шаҳодатномаи он бекор карда шуда, маблағи пардохтшуда барои шаҳодатнома бозпас гардонида намешавад.

45.Маъмурияти МОИ дафтари бақайдгирии шаҳодатномаро бо шакли аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ муқарраргардида пеш мебарад.

46.Дар дафтари бақайдгирӣ маълумоти асосӣ дар бораи субъектҳои МОИ дарҷ гардида, ба шаҳодатнома рақами бақайдгирӣ дода мешавад.

47.Дар ҳолати тағйир ёфтани намуди фаъолият ё шакли ташкилию ҳуқуқии субъектҳои МОИ тағйироти зарурӣ ба шаҳодатнома ва дафтари бақайдгирӣ ворид карда мешавад.

48.Баррасии аризаи субъектҳои МОИ оид ба тағйир ёфтани намуди фаъолият бо тартиби дар Низомномаи мазкур муқарраргардида анҷом дода мешавад. Дар ин ҳолат ба субъектҳои МОИ шаҳодатномаи нав, пас аз пардохти маблағи арзиши шаҳодатнома дода мешавад ва шаҳодатномаи куҳна баргардонида шуда, бекор карда мешавад.

49.Боздошти муваққатӣ, азнавбарқароркунии фаъолият ва ё беэътибор донистани субъектҳои МОИ бо асосҳои зерин амалӣ карда мешаванд:

1)боздошти муваққатии фаъолияти субъектҳои МОИ аз тарафи Маъмурияти МОИ дар муҳлати то 3 моҳ ҳангоми ба амал омадани ҳолатҳои дар поёновардашуда амалӣ мегардад:

-дар ҳолатҳои иҷро нагардидани шартҳои шартнома бо Маъмурияти МОИ аз ҷониби субъектҳои МОИ «Кӯлоб»;

-ҳангоми аз ҷониби субъектҳои МОИ, намояндаи ваколатдор ё корманди он расонидани зарар ба объектҳои хизматрасонӣ ва таҷҳизоти МОИ «Кӯлоб» ва идомаи ин амалҳо новобаста ба огоҳ кардан аз тарафи Маъмурияти МОИ ва (ё) напардохтани зарари расонидашуда;

-ҳангоми аз ҷониби субъектҳои МОИ риоя накардани талаботи Низомномаи мазкур ё роҳ додан ба вайронкуниҳои тартибе, ки дар МОИ «Кӯлоб» муқаррар гардидааст;

2)азнавбарқароркунии фаъолияти субъектҳои МОИ бо иҷозати Маъмурияти МОИ дар ҳолати иҷрои шартҳо ё аз байн бурдани сабабҳои боздоштани фаъолияти субъектҳои МОИ амалӣ карда мешавад;

3)бекор намудани (беэътибор ҳисобидани) шаҳодатнома аз тарафи маъмурияти МОИ баъди гузаронидани тафтиши далелу маълумот дар ҳолатҳои зерин амалӣ мегарданд:

-агар муайян шуда бошад, ки дар давоми муҳлати дар шартҳои шартнома нишондодашуда сабабҳое, ки ба қатъи муваққатии фаъолияти субъектҳои МОИ асос гардида буданд, аз байн бурда нашудаанд;

-агар муайян шуда бошад, ки аз тарафи субъектҳои МОИ талаботи Низомномаи мазкур ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя нашудаанд.

50.Барои бекор намудани (беэътибор ҳисобидани) шаҳодатнома Маъмурияти МОИ бо пешниҳоди далелҳои мӯътамад иҷозати мақоми ваколатдори давлатии идораи минтақаҳои озоди иқтисодиро мегирад.

51.Дар ҳолати бекор намудани (беэътибор ҳисобидани) шаҳодатнома Маъмурияти МОИ ба мақоми ваколатдори давлатии бақайдгирии давлатӣ барои беэътибор донистани қайди давлатии субъектҳои МОИ ба суроғаи ҳуқуқии МОИ «Кӯлоб» муроҷиат менамояд.

## 6. ТАНЗИМИ РЕҶАИ ИҶОЗАТИ ДАРОМАД БА ҲУДУДИ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ «КӮЛОБ»

52.Барои ба ҳудуди МОИ «Кӯлоб» даромадан ба намояндагон, хизматчиён, кормандони Маъмурияти МОИ ва субъектҳои МОИ ва шахсони дигар навъҳои зерини рухсатномаҳо пешбинӣ мегардад:

- доимӣ;
- муваққатӣ;
- кортҳои хизматӣ.

53.Рухсатномаҳои доимӣ, ки аз тарафи Маъмурияти МОИ ба намояндагон, хизматчиён ва кормандони субъектҳои МОИ дода мешаванд, бояд дорои маълумоти зерин бошанд:

- ном ва муҳри махсуси Маъмурияти МОИ;
- санаи дода шудан;
- сурати дорандаи рухсатнома;
- насаб, ном ва номи падари дорандаи рухсатнома;
- ҷойи кор;
- шартҳои рухсат.

54.Рухсатномаҳои муваққатӣ аз тарафи Маъмурияти МОИ дар даромадгоҳи МОИ «Кӯлоб» ба шахсоне дода мешаванд, ки аз тарафи Маъмурияти МОИ ва субъектҳои МОИ ба ҳудуди МОИ «Кӯлоб» даъват шудаанд.

55.Барои гирифтани рухсатномаи муваққатӣ субъектҳои МОИ ба таври расмӣ ба Маъмурияти МОИ на дертар аз як рӯзи ташрифи шахсони таклифшуда муроҷиат менамоянд.

56.Ранги рухсатномаи муваққатӣ аз дигар рухсатномаҳо фарқ намуда, он ба хадамоти дахлдори МОИ «Кӯлоб» ҳангоми баромадан аз минтақа баргардонида мешавад.

57.Рухсатномаҳои муваққатӣ ҳангоми пешниҳоди ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият эътибор доранд.

58.Кортҳои хизматӣ аз тарафи Маъмурияти МОИ ба хизматчиёни Маъмурияти МОИ, инчунин ба шахсоне, ки аз ҷониби Маъмурияти МОИ киро шудаанд, дода мешаванд ва онҳо дорои маълумоти якхела бо рухсатномаҳои доимӣ мебошанд.

59.Ҳамчунин бо ин тартиб рухсатномаҳо барои даромадани автомобилҳо, техникаҳои гуногун ва ронандагони онҳо дода мешаванд.

60.Рухсатномаҳо пулакӣ буда, (ба истисномаи автомобил ва техникаҳои субъектони МОИ) дар асоси нархномаи муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дода мешаванд.

Ба кормандони мақомоти давлатие, ки зимни иҷрои вазифаҳои хизматӣ ба минтақаи МОИ ворид мешаванд, рухсатнома ройгон дода мешавад.

61.Субъектҳои МОИ бояд дар бораи аз кор рафтани кормандон худи ҳамон рӯз Маъмурити МОИ-ро огоҳ намоянд. Дар ин ҳолат рухсатномаи доимии корманд ба Маъмурияти МОИ ҳатман баргардонида мешавад.

## 7. ҲУҚУҚИ СУБЪЕКТҲОИ МОИ «КӮЛОБ»

62.Субъектҳои МОИ, сарфи назар аз шакли моликияташон (ба ғайр аз ташкилотҳои буҷетӣ) ҳуқуқ доранд:

-бо иштироки сармоягузорони ватанию хориҷӣ ташкилотҳои муштарак таъсис диҳанд;

-дар асоси шартномаҳо ва тибқи талаботи қонунгузорӣ фаъолияти хоҷагидориро амалӣ намоянд, озодона шарикон ва мазмуни шартномаро интихоб намоянд, уҳдадориҳо, инчунин ҳама гуна шартҳои дигари муносибатҳои байниҳамдигарии хоҷагидориро муайян намоянд;

-мустақилона фаъолияти иқтисодии хориҷиро амалӣ намоянд, амалиёти мубодилаи молҳо (бартер) ва миёнаравӣ, инчунин азнавсармоягузориҳоро дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ анҷом диҳанд, ба шарте ки хусусияти ин амалиёт хилофи қонунгузорӣ ва амнияти иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон набошанд;

-аз бонкҳо, ширкатҳо ва ташкилотҳои хориҷӣ бе маҳдудият қарз гиранд, барои бастани ҳама гуна шартномаҳои суғуртавӣ ширкатҳои суғуртавии хориҷиро ҷалб намоянд;

-дар минтақаи озоди иқтисодӣ ҳама гуна сармоягузориҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъношудаdo татбиқ намоянд;

-истифодаи қитъаи заминро дар асоси шартнома дар бораи иҷораи муҳлатнок, иҷораи такрории молу мулк, ҳуқуқҳои молумулкӣ ва ҳуқуқи гузашти истифодабариро ба ворисони ҳуқуқӣ аз рӯи мувофиқаи дуҷонибаи

тарафҳо, ки шартномаи иҷораро имзо кардаанд, инчунин ҳуқуқҳои дигари молумулкӣ ва ғайримолумулкиро амалӣ намоянд;

-шаҳрвандони хориҷӣ ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар асоси шартнома ва тибқи талаботи қонунгузорӣ ба кор қабул намоянд;

-ҳама гуна фаъолияти дигареро, ки бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ нагардидааст, анҷом диҳанд.

63.Субъектҳои МОИ ҳуқуқ доранд, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ берун аз ҳудуди МОИ «Кӯлоб» дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул шаванд.

## 8. КАФОЛАТИ ҲУҚУҚ ВА ҲИФЗИ МАНФИАТҲОИ СУБЪЕКТҲОИ МОИ «КӮЛОБ»

64.Давлат риояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои қонунии субъектҳои МОИ-ро, ки дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб» фаъолият доранд, кафолат медиҳад.

65.Дар МОИ «Кӯлоб» мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ кафолат дода мешавад:

-ҳимояи ҳуқуқии сармоягузориҳо;

-ҳимояи ҳуқуқҳои муаллифии субъектҳои МОИ;

-низоми баробари ҳуқуқии сармоягузориҳои хориҷию дохилӣ;

-роҳ надодан ба ҳеҷ гуна табъизи ташкилотҳои дорои сармоягузориҳои хориҷӣ.

66.Субъектҳои МОИ – сармоягузорони хориҷӣ, ки ба соҳаи хоҷагидорӣ ва ё фаъолияти дигари МОИ «Кӯлоб» маблағгузорӣ ва ё саҳмгузории моддӣ кардаанд, ҳуқуқ доранд аз натиҷаҳои сармоягузориҳои худ, аз ҷумла азнавсармоягузорӣ ва муомилоти тиҷоратӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода баранд.

67.Субъектҳои МОИ – сармоягузорони хориҷӣ метавонанд фоида ё қисми онро дар намуди маҳсулоти истеҳсоли худӣ ва ё маҳсулоти аз бозор харидашуда бароранд.

68.Ба субъектҳои МОИ – сармоягузорони хориҷие, ки дар минтақа фаъолият мекунанд, пас аз пардохти маблағҳои ҳатмӣ, барои интиқоли маблағҳо бо асъори хориҷӣ, ки ҳамчун фоида ба даст овардаанд, инчунин аз фурӯши тамоми ҳиссаи онҳо дар сармояи оинномавии ташкилотҳои дорои сармоягузориҳои хориҷӣ бинобар хориҷ шудан ё барҳам хӯрдани ташкилот ба даст омадааст, кафолат дода мешавад.

69.Субъектҳои МОИ – сармоягузорони хориҷӣ барои интиқоли маблағ, гарав, содирот ва қатъи сармоягузорӣ ба минтақаи озоди иқтисодӣ ҳуқуқ доранд.

70.Муносибатҳое, ки субъектҳои МОИ анҷом медиҳанд, сарфи назар аз шакли моликият дар асоси қарордод (шартнома) ба роҳ монда мешаванд. Субъектҳои МОИ барномаҳои истеҳсолиро мустақилона таҳия менамоянд.

71.Баҳсҳои хоҷагидорӣ, аз ҷумла баҳсҳо байни иштирокчиёни ташкилотҳои дорои сармоягузориҳои хориҷӣ, ки дар МОИ «Кӯлоб» ба вуҷуд меоянд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда мешаванд.

## 9. МЕХАНИЗМИ МОЛИЯВИЮ АСЪОРӢ

72.Фаъолияти МОИ «Кӯлоб» дар асоси худмаблағгузорӣ амалӣ мегардад. Бо мақсади таъмини фаъолияти МОИ «Кӯлоб» буҷети мустақили МОИ «Кӯлоб» ташкил карда мешавад.

73.Буҷети мустақили МОИ «Кӯлоб» шакли бавуҷудоии даромад ва хароҷоти воситаҳои пулии МОИ «Кӯлоб» буда, барои амалӣ намудани мақсад ва вазифаҳои МОИ «Кӯлоб» истифода мегардад.

74.Лоиҳаи буҷети мустақили МОИ «Кӯлоб» аз ҷониби Маъмурияти МОИ таҳия гардида, барои дохил намудан ба буҷети ҳарсолаи давлатӣ бо мувофиқаи мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва мақоми ваколатдори давлатии молиявӣ дар марҳилаи таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молияи давлатӣ пешниҳод мешавад.

75.Ба буҷети мустақили МОИ «Кӯлоб» чунин даромадҳо ворид мешаванд:

-даромадҳо аз иҷораи замин, бино, иншоот ва таҷҳизоти дар ихтиёри Маъмурияти МОИ қарордошта;

-арзиши шаҳодатнома;

-пардохтҳо барои ҳуқуқи даромадан ба ҳудуди МОИ «Кӯлоб» барои автомобил ва техникаҳои гуногун (ба ғайр аз автомобил ва техникаҳои Маъмурият ва субъектҳои МОИ);

-пардохтҳо барои рухсатнома ҷиҳати даромадан ба ҳудуди МОИ «Кӯлоб» (ба истиснои ҳайати кормандони Маъмурияти МОИ, субъектҳои МОИ ва кормандони дигари мақомоти давлатӣ);

-даромадҳо аз хизматрасонии гуногун;

-даромадҳо аз дигар пардохтҳо барои хизматрасонии субъектҳои МОИ аз тарафи Маъмурияти МОИ, инчунин мутобиқи муқаррароти қонунгузорӣ дар бораи буҷети давлатӣ барои соли молиявии дахлдор зикршуда ва Низомномаи мазкур.

76.Номгӯйи хизматрасонии пешниҳодшаванда ва андозаи меъёрҳои пардохтҳои Маъмурияти МОИ барои хизматрасонӣ аз тарафи мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молияи давлатӣ дар асоси пешниҳоди асосноки иқтисодии Маъмурияти МОИ муайян карда мешавад.

77.Иҷорапулӣ ва мӯҳлати иҷораи истифодаи қитъаҳои замин, инчунин майдонҳои анборҳои пӯшида, биноҳои истеҳсолӣ ва маъмурӣ, ки Маъмурияти МОИ ҳуқуқи истифодаи онҳоро дорад, дар асоси тартиби ҳисоби иҷорапулӣ, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ вобаста ба намудҳои фаъолияти

субъектҳои МОИ тасдиқ карда шудааст, на камтар аз меъёрҳои зерин аз ҷониби Маъмурияти МОИ муайян карда мешаванд:

-иҷораи солонаи майдонҳои анборҳои пӯшида барои фаъолияти тиҷоратӣ, инчунин нигоҳ доштан, бандубаст ва ба навъҳо ҷудокунии маҳсулот маблағи эквиваленти 2,0 доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Ин маблағ барои ҳар як метри мураббаи майдони ба иҷора додашаванда ба муҳлати то се моҳ муайян гардидааст ва дар ҳолати зиёд шудани муҳлати нигоҳдорӣ бештар аз се моҳ маблағи иҷора ба андозаи то 10 фоиз кам карда мешавад;

-иҷораи солонаи майдони биноҳои маъмурӣ эквиваленти 1,5 доллари ИМА-ро барои як метри мураббаъ ба муҳлати то як сол ташкил медиҳад ва дар ҳолати иҷораи он ба муҳлати зиёда аз як сол маблағи иҷора ба андозаи то 10 фоиз кам карда мешавад;

-иҷораи солонаи майдонҳои биноҳо барои фаъолияти истеҳсолӣ эквиваленти 1,5 доллари ИМА-ро барои як метри мураббаъ ташкил медиҳад ва дар ҳолати иҷораи он ба муҳлати зиёда аз як сол маблағи иҷора ба андозаи то 10 фоиз кам карда мешавад;

-иҷораи солонаи қитъаҳои замин маблағи эквиваленти 0,3 доллари ИМА-ро барои як метри мураббаъ ташкил медиҳад.

77[1].Субъектҳои МОИ «Кӯлоб» дар давраи сохтмони иншоотҳо, вале на зиёда аз 1 сол аз пардохти иҷораи қитъаи замин озод карда мешаванд.

77[2].МОИ «Кӯлоб» дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи молияи давлатӣ метавонад биноҳои истеҳсолӣ, анборҳои пӯшида, меҳмонхона, хобгоҳ ва дигар инфрасохтори зарурӣ сохта ба сармоягузорони хориҷию ватанӣ барои иҷора пешниҳод намояд.

78.Ҳадди ниҳоии пардохтҳои муқарраршуда метавонад бо қарори мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар асоси таклифҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ асосноки Маъмурияти МОИ тағйир дода шавад.

79.Хароҷот оид ба нигоҳдорӣ, таъмири майдонҳои замини истифодаи умум, роҳҳои дохилӣ, гузаргоҳҳо, майдонҳои муойина, сабзгардонӣ ва ғайраҳо аз ҳисоби маблағҳои Маъмурияти МОИ ва пардохтҳои субъектҳои МОИ аз рӯи тарифҳои муқаррарнамудаи Маъмурияти МОИ амалӣ мешаванд.

79[1]. Ҳама намуди пардохтҳо, ки дар ҳудуди МОИ амалӣ мегарданд, тариқи ғайринақдӣ ба роҳ монда мешаванд.

80.Дар МОИ «Кӯлоб» муомилот бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ озод мебошад. Субъектҳои МОИ ҳуқуқ доранд бо тартиби муайяннамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бонкҳо, ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ (муассисаҳои онҳо) ва ташкилотҳои маблағгузории хурди дар МОИ «Кӯлоб» воқеъгардида ва берун аз он ҳисобҳои бонкӣ дошта бошанд, хариду фурӯши пули миллӣ ва асъори хориҷиро дар МОИ «Кӯлоб» озодона амалӣ намоянд ва амалиёти интиқолиро анҷом диҳанд.

81.Субъектҳои МОИ метавонанд аз ҳисоби фондҳои асъории ташаккулёфтаи худӣ ба кормандони худ бо асъори хориҷӣ музди меҳнат

диҳанд, инчунин дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб» ҳисоббаробаркуниҳоро бо асъори хориҷӣ дар байни худ амалӣ гардонанд.

82.Дар МОИ «Кӯлоб» бонкҳо, ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурд ва суғуртавӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешаванд.

## 10.УҲДАДОРИҲО ДАР ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИДОРИИ СУБЪЕКТҲОИ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ «КӮЛОБ»

83.Субъектҳои МОИ уҳдадоранд:

-бо тартиби муқарраршуда баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботро дар бораи фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ амалӣ гардонанд ва ба Маъмурияти МОИ «Кӯлоб» тибқи тартиб ва номгӯйи тасдиқнамудаи мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ маълумот пешниҳод намоянд. Ҳисоботу эъломияҳо оид ба пардохти андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеии ба таври кироя коркунанда ба нозироти андози шаҳри Кӯлоб пешниҳод мегардад;

-сари вақт ва дар ҳаҷми пурра пардохтҳоро барои фаъолият дар ҳудуди МОИ, маблағҳои андози иҷтимоӣ ва андоз аз даромади шахсони воқеии ба таври кироя коркунандаро таъмин намоянд;

-шахсони ваколатдори Маъмурияти МОИ- ро барои ташхиси чораҳои зиддиэпидемиологӣ зиддисӯхторӣ ва ҳисоббаробаркуниҳо дар асоси шартномаи бо Маъмурияти МОИ басташуда роҳ диҳанд.

84.Субъектҳои МОИ уҳдадоранд қарорҳои Маъмурияти МОИ-ро, ки дар чорчӯбаи ваколатҳои худ қабул кардааст, риоя намоянд.

85.Дар ҳолати норозигӣ бо қарорҳои Маъмурияти МОИ субъектҳои МОИ метавонанд ба суд муроҷиат намоянд.

86.Барои субъектҳои МОИ соли молиявӣ аз 1 январ оғоз ёфта ва 31 декабр ба охир мерасад.

87.Субъектҳои МОИ уҳдадоранд пеш аз ба гарав мондани амвол, бино ва иншоот, таҷҳизот ё моликияти дигари худ ҳатман Маъмуриятро ба тариқи хаттӣ огоҳ намоянд.

## 11. МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТӢ ДАР МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ «КӮЛОБ»

88.Муносибатҳои меҳнатӣ, аз ҷумла масъалаҳои кироя ва аз кор озод намудан, низоми меҳнат ва рухсатӣ, кафолатҳои иҷтимоӣ ва ҷубронпулиҳои субъектҳои МОИ бо қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба воситаи шартномаи (созишномаи) дастаҷамъӣ ва (ё) шартномаҳои инфиродии меҳнатӣ (қарордодҳо) танзим карда мешаванд.

89.Шароит ва ҳаҷми музди меҳнат, инчунин намудҳои дигари даромади кормандон, аз ҷумла бо асъори хориҷӣ аз тарафи субъектҳои МОИ мустақилона муқаррар гардида, аз ҳисоби маблағҳои худӣ пардохт мешавад.

90.Шартҳои шартномаҳои меҳнатии коллективӣ ва инфиродӣ ҳолати кормандони ин ташкилотҳоро дар муқоиса бо шартҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат, инчунин эъломияҳои Созмони байналмилалии меҳнат наметавонанд бад созанд.

91.Барасмиятдарории иҷозати кор ба кормандони хориҷӣ тибқи Дастурамали тартиби содакардашудаи додани иҷозати кор ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд барои фаъолияти меҳнатӣ дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдор дар соҳаҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, рушди иқтисод ва савдо тасдиқ шудааст, анҷом дода мешавад.

92.Субъектҳои МОИ ҳар моҳ музди меҳнати ҳамаи кормандонро дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ пардохт мекунанд.

93.Дар ҳолати бо айби корфармо бо таваққуф пардохтани музди меҳнати кормандон, Маъмурияти МОИ ҳуқуқ дорад дар доираи ваколатҳои худ нисбати субъектҳои МОИ тибқи Низомномаи мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба ҳифзи ҳуқуқи кормандон ва хизматчиён равона шудааст, чораҳо андешад.

94.Кормандони субъектҳои МОИ метавонанд мутобиқи шартномаи меҳнатӣ музди меҳнати худро бо асъори миллӣ ё хориҷӣ гиранд, инчунин метавонанд ҳангоми анҷом додани сафарҳои хизматӣ маблағро бо асъори хориҷӣ барои хароҷоти сафари хизматӣ гиранд.

95.Музди меҳнатеро, ки кормандони хориҷӣ бо асъори миллӣ ё хориҷӣ ба даст овардаанд, мумкин аст пас аз пардохти андозҳо бе мамониат аз ҷониби онҳо ба хориҷа баровaрда шавад.

96.Субъектҳои МОИ бояд:

-қарордоди меҳнатиро барои ҳар як корманди МОИ «Кӯлоб» ҳангоми муроҷиат барои дарёфти раводиди доимӣ пешниҳод намоянд;

-ҳамаи хизматчиён ва кормандонро бо либоси махсус ва бехатарии техникии корҳо таъмин намоянд;

-фавран ба Маъмурияти МОИ оид ба бедарак шудани ҳар як корманди худ хабар диҳанд;

-кормандони худро бо ҷойи истиқомат таъмин намоянд;

-кормандони худро ҳатман суғуртаи иҷтимоӣ ва тиббӣ намоянд;

-барои зараре, ки ба саломатии кормандон ва хизматчиёни аз рӯи шартнома фаъолияткунанда расонида шудааст, инчунин барои осеби меҳнатие, ки бо гуноҳи корхона дар ҳудуди он ба кормандон расонида шудааст, ҷавобгарии моддиро ба зимма гиранд.

## 12. ТАРТИБИ ДОХИЛШАВӢ ВА ХОРИҶШАВӢ АЗ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ «КӮЛОБ»

97.Ба расмият даровардан ва додани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ фаъолият менамоянд, тибқи қонунгузории Ҷумхурии тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

98.Субъектҳои МОИ дар ҳолати зарурӣ баҳри гирифтани раводид барои кормандони ташрифоваранда барои кор дар МОИ «Кӯлоб» ба Маъмурияти МОИ бо тартиби муқарраршуда як моҳ пеш аз ташрифи мазкур дархост пешниҳод менамоянд.

99.Маъмурияти МОИ дархостро баррасӣ намуда, ба субъектҳои МОИ дар бораи имконияти гирифтани раводид барои корманди ташрифоваранда барои кор дар МОИ «Кӯлоб» мушаххасан оид ба ҳар як номзад хабар медиҳад.

100.Рӯйхати шахсони барои кор дар МОИ «Кӯлоб» ташрифоваранда аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ тасдиқ гардида ва он барои баррасӣ ба идораҳои консулии Вазорати корҳои хориҷӣ дар ҷойҳои ташрифи кормандон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол мегардад.

101.Маъмурияти МОИ пешвозгирӣ ва ҳамроҳии шахсони ташрифовардаро то ҳудуди МОИ «Кӯлоб» якҷоя бо намояндаи субъекти МОИ ва аз ҳисоби ӯ ташкил мекунад.

102.Ҳамин тартиб ҳангоми ба хориҷ рафтани кормандон –шаҳрвандони хориҷие, ки дар МОИ «Кӯлоб» кор мекунанд, анҷом дода мешавад.

103.Маъмурияти МОИ барои гирифтани раводид ҷиҳати ташрифи шаҳрвандони хориҷӣ, тамдид кардан ва аз эътибор соқит донистани он мусоидат менамояд.

104.Маъмурияти МОИ ҳар моҳ ба мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ба Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи шаҳрвандони хориҷии барои кор ба МОИ «Кӯлоб» ташрифоварда бо роҳи пешниҳоди рӯйхати шахсони воқеии хориҷии барои кор ба МОИ «Кӯлоб» ташрифоварда бо тартиби муқарраршуда иттилоъ медиҳад.

105.Дохилшавии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд ба ҳудуди наздисарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади сафарҳои хизматӣ, корӣ, хусусӣ ва фаъолияти меҳнатӣ бо иҷозатномаҳои аз ҷониби Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон додашуда амалӣ мегардад.

106.Тартиби дохилшавӣ ва истиқомати шаҳрвандони хориҷӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути асосҳои умумии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

107.Бақайдгирӣ, масоили бақайдгирии муваққатӣ, дохилшавӣ ва истиқомати шаҳрвандони хориҷӣ аз ҷониби мақомоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Маъмурият ва субъектҳои МОИ амалӣ мегардад.

## 13. МУҲЛАТИ АМАЛИ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ «КӮЛОБ»

108.Муҳлати амали МОИ «Кӯлоб» 50 сол мебошад.

109.Муҳлатҳои давраи гузариш ҳангоми ҷорӣ кардани низоми МОИ «Кӯлоб» аз тарафи маъмурияти минтақа на зиёдтар аз 7 сол аз рӯзи қабул кардани Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мегардад.

110.Ин давра барои бунёди инфрасохтор, ташаккули заминаи ҳуқуқӣ ва ба таври воқеӣ аз худ намудани ҳудуди МОИ «Кӯлоб» истифода мешавад.

111.Муҳлат ва шартҳои давраи гузариш пеш аз қатъи амали низоми МОИ «Кӯлоб» аз ҷониби Маъмурияти МОИ муайян мегардад. Дар ин маврид шартҳои давраи гузариш на дертар аз 3 сол то қатъи амали минтақаи озоди иқтисодӣ фаро мерасанд.

112.Дар тамоми давраи амали низоми МОИ «Кӯлоб» дар ҳудуди минтақа дар баробари забони давлатӣ забонҳои муошират байнидавлатӣ - русӣ ва англисӣ забонҳои корӣ ба ҳисоб мераванд.

113.Барои тамдид кардани муҳлати амали МОИ «Кӯлоб» аз ҷониби Маъмурияти МОИ ба мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ хулосаҳои иқтисодӣ оид ба тамдид кардани муҳлати фаъолияти МОИ «Кӯлоб» пешниҳод мегардад, ки инҳоро дар бар мегирад:

- ояндабинӣ ва барномаи минбаъдаи рушди МОИ «Кӯлоб»;
- баҳои самаранокии фаъолияти МОИ «Кӯлоб».

114. Баъд аз муҳлати ба анҷом расидани фаъолияти МОИ «Кӯлоб» қитъаҳои замини ба иҷора гирифтаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки дар ин қитъаи замин молу мулки ғайриманқул бунёд намудаанд, барои давом додани фаъолияти минбаъда ба онҳо вобаста карда шавад.

Дар асоси шартномаҳои байни тарафҳо басташуда ва бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ бино ва иншооти сохташуда бояд ба бақайдгирииии молу мулки ғайриманқул фаро гирифта шавад.

## 14. ТАРТИБИ ФАЪОЛИЯТИ МАЪМУРИЯТИ МИНТАҚАИ ОЗОДИ ИҚТИСОДИИ «КӮЛОБ»

115.Дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб» вазифаҳои идоракуниро Маъмурияти МОИ иҷро менамояд, ки онро Роҳбар ба уҳда дорад.

116.Тартиби фаъолияти Маъмурияти МОИ бо Низомномаи мазкур муайян карда мешавад.

117.Маъмурияти МОИ мақоми идоракунандаи МОИ «Кӯлоб» буда, фаъолият ва рушди МОИ «Кӯлоб» ва ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои МОИ-ро дар доираи ҳуқуқу ваколатҳои пешбинишуда таъмин менамояд.

118.Маъмурияти МОИ шахси ҳуқуқӣ буда, дар шакли ташкилию ҳуқуқӣ ҳамчун муассисаи давлатии ҷумҳуриявӣ таъсис дода мешавад.

119.Маъмурияти МОИ дар тобеияти мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ қарор гирифта, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомномаи мазкур ва Оиннома, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ тасдиқ мегардад, фаъолият менамояд.

120.Маъмурияти МОИ дорои муҳр бо акси Нишони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва номгузории МОИ «Кӯлоб» ба забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ, суратҳисобҳо, рамзи хусусӣ, атрибутика ва дигар нишонаҳо мебошад.

121.Маъмурияти МОИ фаъолияти худро дар ҳамкорӣ бо мақомоти ҷумҳуриявӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

122.Маъмурияти МОИ фаъолияти худро дар асоси принсипҳои ҳамкории зич бо маъмурияти дигар минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мувофиқа намудан ва бо назардошти манфиатҳои дигар минтақаҳои озоди иқтисодии ҷумҳурӣ ба роҳ мемонад, ба барқарорсозии стандартҳои байналмилалии пешбурди соҳибкорӣ ва одоби корӣ дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ мусоидат менамояд.

123.Хароҷот барои нигоҳдории дастгоҳи Маъмурияти МОИ аз ҳисоби буҷети МОИ «Кӯлоб» тибқи сметаи тасдиқнамудаи мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва мақоми ваколатдори давлатии молиявӣ барои соли навбатии молиявӣ маблағгузорӣ карда мешаванд.

124.Ҳуқуқу ваколатҳои Маъмурияти МОИ аз инҳо иборатанд:

- таҳия ва татбиқи стратегия ва барномаи рушди МОИ «Кӯлоб», аз ҷумла нақшаи генералии минтақа;

-қабули санадҳо доир ба идоракунӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар МОИ «Кӯлоб»;

-таҳияи буҷети мустақили минтақа, тасдиқи он бо тартиби муқаррааргардида ва таъмини иҷрои он;

-таҳияи нақшаи ҷобаҷокунии субъектҳои МОИ дар сарҳади ҳудудии МОИ «Кӯлоб» бо назардошти таклифҳои онҳо, аз ҷумла хароҷоти молиявии ҳар як субъекти МОИ барои пешниҳоди минбаъдаи он ба мақоми ваколатдори давлатии идоракунандаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ;

-таҳияи сметаи хароҷот оид ба ободонии сарҳади ҳудуди муайяншудаи МОИ «Кӯлоб»;

-мувофиқа намудан бо мақомоти гумрук нақшаро оид ба ҷойгиршавии инфрасохторҳои гумрукӣ;

-таъмини ягонагӣ ва фаъолияти пурсамари МОИ «Кӯлоб»;

-таъмини рушди МОИ «Кӯлоб» бо роҳи ҷалби сармоягузорони ватанию хориҷӣ, воситаҳои молиявии ташкилотҳои ватанию хориҷӣ дар шакли қарзҳои имтиёзнок, қарз ва грантҳо дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва мақоми ваколатдори давлатии молиявӣ;

-ташкили махзани иттилоотию таҳлилии фаъолият ва рушди иқтисодии МОИ «Кӯлоб»;

-ҳимояи манфиатҳои субъектҳои МОИ;

-фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалб намудани сармоягузориҳои ватанию хориҷӣ ва дигар намуди захираҳо;

-назорати риояи низоми ҳуқуқии МОИ «Кӯлоб», таҳияи тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур ва баррасии масъала бо тартиби муқарраргардида;

-таъмини назорати давлатӣ ва назорати истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ ва меҳнатӣ дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб» бо мақсади иҷрои қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ оид ба масъалаҳои рушди МОИ «Кӯлоб»;

-пешниҳоди замин барои иҷора ба субъектҳои МОИ, инчунин иншоотҳои дигари МОИ «Кӯлоб»;

-ташкили маркази иттилоотӣ, бизнес–инкубаторҳо, анборҳо, биноҳои маъмурӣ, иншооти истеҳсолӣ ва сохторҳои дигари зарурӣ барои таъмини фаъолияти пурсамар ва рушди МОИ «Кӯлоб»;

-ҳамоҳангсозии корҳои ташкилотҳои илмӣ, лоиҳавӣ, саноатӣ, сохтмонӣ ва муассисаҳои дигари ватанӣ ва хориҷие, ки барои ташкил ва таъмини фаъолияти МОИ «Кӯлоб» ҷалб мешаванд;

-баррасии бизнес-нақшаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузории довталабон;

-ба довталабон додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҷойгиршавӣ ва нишонии ҳуқуқӣ дар МОИ «Кӯлоб»;

-танзими робитаҳои МОИ «Кӯлоб» бо бозори байналмилалӣ;

-ташкили омӯзиш, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо барои МОИ «Кӯлоб», иштирок дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ташаккули кадрҳо, шуғл, сиёсати ҷавонон ва муҳоҷират дар минтақа;

-ташкили конфронсҳо, машваратҳо, семинарҳо ва ғайра;

-ба имзо расонидани шартномаҳо бо субъектҳои МОИ;

-ташкил ва пешбурди дафтари бақайдгирии шаҳодатномаҳо;

-додани шаҳодатномаҳо ба субъектҳои МОИ;

-такмили шаклҳои идоракунии хоҷагии МОИ «Кӯлоб» ва амалигардонии идоракунии хоҷагӣ бо назардошти самаранокии иқтисодии истифодаи масоҳатҳои заминҳои давлатӣ ва моликияти хусусӣ дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб»;

-таъмини азхудкунии маблағҳо дар лоиҳаҳое, ки моҳияти умумиминтақавӣ доранд;

-хизматрасонӣ ҳангоми гирифтан ва ба расмият даровардани раводиди даромад ва баромад, ки дар мувофиқа бо Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегарданд;

-додани рухсатномаҳо барои даромадан ба ҳудуди МОИ «Кӯлоб»;

-ташкил ва назорати фаъолияти воҳидҳои ҳарбикунонидашудаи ҳифзи иншоотҳои МОИ «Кӯлоб». Сохтор ва шумораи воҳидҳои дар боло зикршуда аз ҷониби Маъмурияти МОИ дар мувофиқа бо вазоратҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд;

-ҳар моҳ ба мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ пешниҳод намудани ҳисобот оид ба фаъолияти МОИ «Кӯлоб»;

-амалигардонии ваколатҳои дигаре, ки бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Низомномаи мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидаанд.

125.Иҷрои санадҳои Маъмурияти МОИ, ки дар доираи салоҳияти он қабул гардидаанд, барои субъектҳои МОИ ҳатмӣ мебошад.

126.Санҷиши фаъолияти Маъмурияти МОИ аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ амалӣ мегардад.

127.Роҳбари Маъмурияти МОИ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешавад.

128.Муовинони Роҳбари Маъмурияти МОИ бо пешниҳоди Роҳбари Маъмурият аз тарафи мақоми ваколатдори давлатии идоракунии минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба мансаб таъин ва аз мансаб озод карда мешаванд.

129.Ҳаҷми маоши вазифавии роҳбарияти Маъмурияти МОИ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

130.Ба мансаби роҳбари Маъмурияти МОИ шахсе таъин мегардад, ки маълумоти олии ҳуқуқӣ ё иқтисодӣ ва собиқаи кории на кам аз 5 соли фаъолият дар мансаби роҳбари ташкилот ё дар мансабҳои хизмати давлатӣ дошта бошад.

131.Роҳбари Маъмурияти МОИ:

- ҳуқуқ ва вазифаҳои Маъмурияти МОИ-ро таъмин менамояд;

-МОИ «Кӯлоб»-ро дар ҳама ташкилотҳои ватанӣ, хориҷӣ, байналмилалӣ, корхонаҳо, бонкҳо ва муассисаҳо намояндагӣ менамояд;

-барои иҷрои ухдадориҳо ва вазифаҳояш ҷавобгарии шахсӣ дорад;

-воҳидҳои кориро муқаррар менамояд, кормандони Маъмурияти МОИ-ро ба мансаб таъин ва аз мансаб озод менамояд.

132.Роҳбари Маъмурияти МОИ дар баробари дигар вазифаҳо инчунин ҳамоҳангсозии фаъолияти мувофиқашудаи Маъмурияти МОИ-ро бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ташаккул ва рушди МОИ «Кӯлоб» амалӣ менамояд.

## 14[1].ШИРКАТҲОИ ХИЗМАТРАСОН ДАР МОИ «КӮЛОБ»

132[1].Ширкати хизматрасон - субъекти минтақаи озоди иқтисодии «Кӯлоб» мебошад, ки фаъолияти худро дар ҳудуди МОИ «Кӯлоб» (аз ҷумла муҳофизат ва тоза нигоҳ доштани ҳудуд ва иншоот, корҳои боркунию борфарорӣ таъмир ва нигоҳдории биноҳо ва иншоот, таъмини субъектҳои минтақа бо қувваи барқ, об, канализатсия ва нақлиёт, муаррифии минтақаи

озоди иқтисодӣ барои ҷалби сармоя ва пешниҳоди дигар хизматрасониҳо ва кор) аз ҳисоби худ амалӣ менамояд.

$132^2$.Маъмурияти МОИ «Кӯлоб» бо ширкати хизматрасон дар МОИ ба муҳлати амали минтақаи озоди иқтисодӣ шартнома мебандад, ки дар он шартҳо, ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои тарафҳо муаянкарда мешаванд.

$132^3$.Дар ҳолати иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани ӯҳдадориҳои худ бо дархости Маъмурияти МОИ «Кӯлоб» шартнома бо ширкати хизматрасон бекор карда мешавад.

$132^4$.Ширкати хизматрасон дар МОИ метавонад аз ҷониби сармоягузорони ватанӣ ё хориҷӣ таъсис дода шавад.

$132^5$.Ба ширкати хизматрасон дар МОИ фаъолияти истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ манъ карда мешавад.

$132^6$.Ширкати хизматрасон дар МОИ тавассути механизми шарикии давлат ба бахши хусусӣ ҷалб карда мешавад.

## 15. СУРОҒАИ МАЪМУРИЯТИ МОИ «КӮЛОБ»

133. Маъмурияти МОИ «Кӯлоб» дар суроғаи зерин ҷойгир аст:

Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон, шаҳри Кӯлоб.